*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 32 (4615) | ҶУМЪА, 3 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО МИХАИЛ МИШУСТИН

**Дуюми марти соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия муҳтарам Михаил Мишустин, ки ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд, мулоқот карданд.**

Дар оғози мулоқот Сарвари давлати мо муҳимияти идомаи муколамаи пайвастаи сатҳи олӣ ва баланди байнидавлатиро таъкид намуданд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо доираи васеи масъалаҳои шарикии стратегӣ ва муносибатҳои ҳампаймонии Тоҷикистону Русияро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Аз ҷараёни мусбати равобити ҳар ду кишвар дар бисёр соҳаҳои ҳамкорӣ, бахусус дар бахшҳои тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангиву гуманитарӣ ва ҳамкории зичи ҷонибҳо дар бахши амният, қаноатмандӣ шуд.

Бояд гуфт, ки Федератсияи Россия шарики асосии тиҷоратии Тоҷикистон боқӣ монда, дар сохтори гардиши савдои хориҷии кишвари мо мавқеи пешсаф аст. Соли гузашта гардиши мол миёни ҳар ду кишвар 23,7 дарсад афзоиш ёфта, 1 миллиарду 674 миллион долларро ташкил дод.

Дар ин замина, вобаста ба имконоти бузурги ҳар ду кишвар ҷиҳати афзоиши тиҷорати мутақобила ва якҷоя амалӣ намудани лоиҳаҳои бузурги сармоягузории барои ҷонибҳо судманд андешаронӣ сурат гирифт.

Пешвои миллат ба сатҳи ҳамкориҳои дар соҳаи гуманитарӣ бадастомада баҳои баланд доданд. Ҳамзамон бо ин, ба густариши минбаъдаи робитаҳои амалӣ дар соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва тандурустӣ изҳори ҳавасмандӣ шуд.

Дар рафти суҳбат, ҳамчунин, доир ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт.



## СУҲБАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО РОҲБАРИ ҶУМҲУРИИ ТОТОРИСТОН

**Сеюми марти соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Роҳбари Ҷумҳурии Тотористон Рустам Минниханов, ки дар доираи сафари Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия муҳтарам Михаил Мишустин дар Тоҷикистон ба шаҳри Душанбе ташриф овардааст, мулоқот карданд.**

Зимни суҳбат Сарвари давлати мо аҳамияти рушди минбаъдаи самарабахши муносибатҳои байниминтақавӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи шарикии стратегии Тоҷикистону Россияро таъкид намуданд.

Зикр гардид, ки ҳамкориҳо дар сатҳи минтақаҳо самти муҳими доираи васеи муносибатҳои Тоҷикистону Россия, аз ҷумла ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва омили ғанӣ гардонидани онҳо бо мазмуни нави амалӣ, мебошад.

Дар ин замина, ба густариши минбаъдаи муносибатҳо бо Ҷумҳурии Тотористон - ҳамчун яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешқадами Федератсияи Россия изҳори ҳавасмандӣ гардид.

Тақвият ва густариши робитаҳои бевоситаи иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ва доираҳои соҳибкорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт вазифаи мубрам дониста шуд.

Соҳаҳои гуногуни саноат, аз ҷумла саноати кӯҳӣ ва металлургӣ, нефту газ, кимиё, сабук ва хӯрокворӣ, дорусозӣ, сохтмон, бахшҳои энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, кишоварзӣ ва сайёҳӣ аз самтҳои ояндадори ҳамкорӣ номида шуданд.

Ҷонибҳо оид ба имкону иқтидори бузурги афзоиши гардиши мутақобила, ҳамчунин татбиқи муштараки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ин самтҳо табодули андеша карданд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо алоқамандии тарафайнро ба густариши минбаъдаи робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои маориф, илм ва тандурустӣ, таъкид намуданд.

Пешвои миллат изҳори итминон карданд, ки сафари Роҳбари Ҷумҳурии Тотористон ба Тоҷикистон ҳамкориҳоро дар чаҳорчӯбаи шарикии ҳамаҷонибаи стратегии Тоҷикистону Россия таҳким мебахшад.

**www.president.tj**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 марти соли 2023, № 90, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Солеҳзода У. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Солеҳзода Умед Абдулло аз вазифаи муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 марти соли 2023, № 91, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Қурбонзода И. Я.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қурбонзода Исоҷон Ятим муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 марти соли 2023, № 92, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Сафарзода Б. Х.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сафарзода Бахтиёр Хайрулло муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 марти соли 2023, № 93, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Назар А. С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Назар Азиз Савзалӣ муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 2 марти соли 2023, № 94, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Нуриддинзода А. Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қурбонзода Исоҷон Ятим бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори раёсати рушди инфрасохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 марти соли 2023, № АП-339**

## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қурбонзода Суҳайлӣ Кароматулло сардори раёсати рушди инфрасохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 2 марти соли 2023, № АП-340**

## ВОХӮРИИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО МИХАИЛ МИШУСТИН



**Сеюми марти соли 2023 дар шаҳри Душанбе Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Михаил Мишустин, ки бо сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, бо иштироки ҳайатҳо мулоқот анҷом доданд.**

Зимни мулоқот дар атрофи масъалаҳои мубрами муносибатҳои Тоҷикистону Россия мубодилаи афкор сурат гирифт. Бо қаноатмандӣ зикр шуд, ки муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни ҳар ду кишвар дар ҳама самт бемайлон рушд меёбанд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ таъкид доштанд, ки робитаҳои байнипарламентӣ ҳамчун шохаи муҳими муносибатҳои байнидавлатӣ ба ҳисоб рафта, мунтазам дар сатҳи сифатан нав роҳандозӣ мегарданд. Дар ин раванд фаъолияти Комиссия оид ба ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллӣ ва Шӯрои федератсия саҳми муносибро дар таҳкими шарикии стратегии кишварҳо мегузорад. Ҳамчунин, робитаҳои парламентҳои ҳар ду кишвар дар доираи Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ амалӣ мегарданд.

Дар идомаи мулоқот ҳавасмандии ҷонибҳо оид ба тавсеаи ҳамкории иқтисодӣ ҳамчун унсури калидии шарикии байни ҳар ду кишвар зикр гардида, ба масъалаҳои саноатикунонии босуръат, аз ҷумла густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои тиҷорат, саноатҳои маъдан, сабук, хӯрокворӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, энергетика, комплекси агросаноатӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ, тавассути ҷалби сармояи мустақими россиягӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуд.

Инчунин, ҳавасмандии ҷонибҳо ба тақвияти робитаҳои байни минтақаҳо ва ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла ҳалли масъалаҳои мубрам дар ин самт, таъкид гардид.

Ҷонибҳо вобаста ба таҳкими ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ, густариши робитаҳо байни муассисаҳои таҳсилоти олии ҳар ду кишвар, омӯзиши забони русӣ, инчунин дигар самтҳои рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва тандурустӣ ибрози назар карданд.

Дар мулоқот ҳамкорӣ ва муқовимат ба муқобили хатару таҳдидҳои фаромиллӣ, амнияти минтақа бо таваҷҷуҳ ба вазъият дар Афғонистон, инчунин дигар масъалаҳои дуҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**www.majmilli.tj**



## БОЗДИДИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ВА МИХАИЛ МИШУСТИН АЗ МАКТАБИ БА НОМИ ЮРИЙ ГАГАРИНИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Дуюми марти соли 2023 дар доираи сафар ба Тоҷикистон Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Михаил Мишустин бо ҳамроҳии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ба Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии ба номи Юрий Гагарин дар шаҳри Душанбе - ба Муассисаи давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи умумии Россия - Тоҷикистон «Мактаби миёнаи умумӣ барои фанҳои алоҳидаи ба номи Юрий Гагарин» дар шаҳри Душанбе ташриф оварданд.**

Муассисаи таълимӣ дар доираи ҳамкории судманди Тоҷикистон ва Россия дар шаҳри Душанбе дар масоҳати умумии 2,4 гектар барои 2448 хонанда дар ду баст сохта шудааст.

Ёдовар мешавем, ки 1-уми сентябри соли 2022 дар маросими ифтитоҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муштараки Тоҷикистон ва Россия дар Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намуда буданд: «Давоми се даҳсолаи охир Тоҷикистон ва Россия дар роҳи рушд ва таҳкими муносибатҳои шарикии стратегӣ, ки дарвоқеъ имрӯз тамоми самтҳои асосии ҳамкориро фаро мегиранд, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# БОЗДИДИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ВА МИХАИЛ МИШУСТИН АЗ МАКТАБИ БА НОМИ ЮРИЙ ГАГАРИНИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар рӯзномаи муносибатҳои мо масъалаҳои вобаста ба густариши пайвастаи равобити гуманитарӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанг, мақоми хоса доранд. Саъю талошҳои мо дар роҳи тавсеаи имконият ҷиҳати гирифтани маълумоти миёна ва олӣ ба забони русӣ натиҷаҳои дилхоҳ медиҳанд».

- Имрӯз дар Тоҷикистон 39 мактаби таҳсилашон ба забони русӣ мавҷуд буда, дар онҳо тақрибан 27 ҳазор нафар хонанда таълим мегиранд. Ҳамчунин зиёда аз 160 мактаби омехтаи тоҷикӣ - русӣ фаъолият дорад, ки фарогири ҳудуди ҳафтод ҳазор хонанда мебошад, - гуфтанд Сарвари давлат.

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши забони русӣ ҷузъи ҳатмии барномаҳои таълимӣ ба ҳисоб рафта, шурӯъ аз синфи дуюм дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ҳудуди 4 ҳазор мактабро ташкил медиҳад, омӯхта мешавад. Дар доираи лоиҳаи алоҳидаи иҷтимоӣ омӯзгорон аз Россия дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон ба хонандагони тоҷик таълим медиҳанд.

Бояд гуфт, ки дар шаҳри Душанбе Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон, филиалҳои донишгоҳҳои бонуфузи Россия, аз қабили Донишгоҳи давлатии Москва, Донишкадаи энергетикии Москва ва Филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ - технологии «МИСиС» фаъолият доранд.

Дар маҷмӯъ, бо назардошти донишҷӯёни Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон ва филиалҳои донишгоҳҳои Россия шумораи ҷавонони тоҷик, ки бо таҳсил ба забони русӣ фаро гирифта шудаанд, беш аз сӣ ҳазор нафарро ташкил медиҳанд. Имрӯз дар беш аз ҳафтсад донишгоҳи Россия ҳудуди бисту панҷ ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон таҳсил менамоянд.

**АМИТ «Ховар»**



# МУЛОҚОТИ РАҶАББОЙ АҲМАДЗОДА БО НИКОЛАЙ ЖУРАВЛЁВ

**Дуюми марти соли 2023 дар шаҳри Душанбе мулоқоти муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода ва муовини Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Николай Журавлёв - ҳамраисони Комиссия оид ба ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллӣ ва Шӯрои Федератсия доир гардид.**

Ҷонибҳо ба амалигардонии вазифаҳои аввалиндараҷаи рушди муносибатҳои дуҷониба, ки зимни мулоқотҳои Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко муайян гардидаанд, инчунин татбиқи чорабиниҳои нақшаи кори Комиссия оид ба ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллӣ ва Шӯрои Федератсия таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд.

Инчунин, дар рафти суҳбат дигар масъалаҳои афзалиятноки ҳамкории байнипарламентӣ ва дурнамои рушди робитаҳои байни Маҷлиси миллӣ ва Шӯрои Федератсия мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**www.majmilli.tj**

# ВАТАНДӮСТӢ РИСОЛАТИ БУЗУРГЕ, НЕСТ ҲАМТОЯШ

**Маҳмадалӣ ҚУРБОНЗОДА,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба фаъолият оғоз намудани вакилони даъвати панҷуми Маҷлиси намояндагон таъкид намуда буданд, ки қонунҳои мо бояд бо дарназардошти дурнамо ва ҳадафҳоиояндаи рушди давлати миллӣ ва пайванди ногусастании он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳия ва қабул карда шаванд.**

Дар робита ба ин, аз ҷониби Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ таҳия гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» дастоварди арзандаи парламентаризми тоҷик маҳсуб шуда, мавриди ҳамовозӣ қарор гирифтанаш аз мазмуну моҳияти баланди он шаҳодат медиҳад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» яке аз қонунҳои муҳимтарини низоми ҳуқуқии кишвар буда, қабули он дар партави иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, ҳадафи тақвият бахшидани ҳисси ватандӯстии мардумро дорад. Бо қабули ин санади меъёрии ҳуқуқӣ собит гардид, ки мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат дар масъалаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамқадами замон аст.

Зарур аст, ки масъулин ба мардум мухтавои ин қонуни муҳимро шарҳ диҳанд, зарурати таҳия, қабул ва ҷонибдории онро бо тамоми нозукиҳояш фаҳмонанд. Вақте ҷомеаи кишвар моҳияту мақсади қонунҳоро дуруст мефаҳмад, татбиқи онҳо осонтар мегардад.

Ҳар як шаҳрванди кишвар бояд дарк намояд, ки дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳлили амиқи проблемаҳо, таклифу пешниҳодҳои судманд, иродаи мардум дар сатҳи қонун, ҷустуҷӯи чораҳову пешниҳодҳои беҳтарин, мубоҳисаҳои пуршӯр ва албатта, рӯҳия ва эҳсосоти инсонӣ нуҳуфтаанд. Дар умум, моҳияту рисолати фаъолияти ҳар як шаҳрванд дифоъ аз манфиатҳои давлату миллат, заҳмату талош барои шукуфоии бештари кишварамон ва комёб будан дар ҳама самтҳо мебошанд.

Агар мухтасар моҳияти онро баён карданӣ шавем, пас қонуни мазкур ҳадаф, принсипҳо ва самтҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии онро муқаррар карда, муносибатҳои вобаста ба ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон муайян менамояд.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ беҳтар аз дигарон дарк кардаанд, ки рӯҳия ва табиати қонунҳо бояд ба фалсафаи ҳаёт, урфу одатҳо ва анъанаҳои мардум ҷавобгӯ бошанд, аз зиндагии мардум зуҳур кунанд ва ба рафъи мушкилиҳои ҳаёти эшон кумак намоянд, зеро қонунҳо барои саодати халқ қабул мегарданд.

Дар қонун муқаррар шудааст, ки тарбияи ватандӯстӣ ин фаъолияти мураттаб ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ, оила ва шаҳрвандон, ки барои ташаккули дарки баланди ватандӯстӣ дар тафаккури шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳимояи манфиатҳои Ватан нигаронда шудааст, маҳсуб мешавад.

Дар ин раванд тадбирҳое, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон тарбия намудани дарки зарурати бошууронаи хизмати фидокоронаю беғаразона ба Ватан зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳаббат ба кишвари маҳбуб, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, риояи қонун, ахлоқи ҳамида, фарҳанги умумӣ, мавқеи амиқи шаҳрвандӣ, омодагии доимӣ барои адои қарзи конститутсионӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ, ифтихор аз дастовард ва анъанаҳои ниёкон рабт доранд, мақоми хоса дорад.

Чун сухан дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон меравад, бояд ташаккул додани айнияти шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, тафаккур ва ҳисси ватандӯстӣ дар ниҳоди шаҳрвандон, тарбия намудани шаҳрвандон дар рӯҳияи муносибати ватандӯстона ба ҷомеа ва давлат, масъулияти шаҳрвандӣ, омодагӣ ва қобилияти хизмат ба Ватан авлавият бошад.

Бегуфтугӯ, ин иқдоми муҳтарам Рустами Эмомалӣ баҳри ташаккули худшиносии миллӣ, муносибати арзанда ба шахсият, ҷомеа, давлат, ғояву арзишҳо, инчунин эҳё ва рушди онҳо, ҷалби насли наврас ба низоми арзишҳои иҷтимоию маданӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои аз ҷониби шаҳрвандон зоҳир намудани ҳисси ватандӯстӣ, адои шоистаи қарзи ҷамъиятию давлатӣ ва ҳарбӣ мусоидат менамояд.

Тибқи муқаррароти моддаи 5, субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ фарогир буда, мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракунии соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро амалӣ мекунанд, коллективҳои меҳнатӣ, эҷодӣ, илмӣ, ҳарбӣ ва ғайра, муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятию давлатии шаҳрвандон ва ҳамватанони берун аз марз истиқоматдошта, ташкилотҳои



(иттиҳодияҳои) динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма ва оила аз ҳамон ҷумлаанд.

Барои дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ шудани фаъолият дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» муқаррар кардааст, ки субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ бо восита ва имкониятҳои ба худ хос вазифаҳои соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро амалӣ намоянд.

Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон густурда буда, пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, тасдиқи дурнамо, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ташаккул додани заминаи меъёрии ҳуқуқии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон аз ҳамон ҷумлаанд.

Дар моддаи 7 пешбинӣ гардидааст, ки таъмини татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, таҳияи лоиҳаи консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва пешниҳод намудани онҳо барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ, ки масъалаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро танзим мекунанд, муайян кардани тартиби ташкили феҳристи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар татбиқи барномаҳои идоравии тарбияи ватандӯстӣ иштирок мекунанд ва аз дастгирии давлатӣ бархӯрдоранд, муайян кардани воҳиди сохторӣ, ки масъалаҳои тарбияи ватандӯстиро ба зимма дорад, ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон мебошад.

Ҳамаи мо масъулем, ки дар раванди ҷаҳонишавии масъалаҳо дар доираи манфиатҳои миллӣ мавқеи худро пуштибонӣ намоем. Ин вазифаи муқаддаси парламенти касбӣ аст ва хоҳад монд. Дар ин давра мо бояд беш аз пеш манфиатҳои миллӣ ва сиёсии кишварро ҳифз кунем ва пояҳои истиқлолияти давлатиро устувор гардонем.

## Бетарафӣ нишонаи марг аст

# ПАҲНШАВИИ ТЕРРОРИЗМ ПЕШГИРӢ ВА ТЕРРОРИСТОН НОКОМ МЕШАВАНД, АГАР...

**Вақтҳои охир дар бораи терроризм зиёд мегӯянду менависанд. Рӯзафзун гардидани дарки моҳияту хатари масъалаи мазкур ба авзои ҷаҳони муосир рабт дорад. Чанд сол қабл ҷомеаи Аврупо муътақид буд, ки онҳо аз терроризму террористон эминанд. Вале сахт иштибоҳ карданд. Маҳз ба шарофати муносибати духӯраи онҳо солҳои охир хатар ва таҳдидҳое, ки аз терроризму ифротгароӣ маншаъ гирифтаанд, бесобиқа доман паҳн намуда, фаъолияти созмону гурӯҳҳои террористиву ифротгаро фаромарзиву фаромиллӣ гардид.**

Дар робита ба ин бамаврид аст, ки таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро аз Паёмашон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат (22-юми декабри соли 2017) иқтибос орем: «Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест. Баръакс, тавре ки ман борҳо таъкид карда будам, террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад. Зуҳуроти терроризм ба суботу амнияти кураи замин хавфу хатари бениҳоят зиёд дорад».

Гузашти вақти на он қадар зиёд собит намуд, ки муайяну мушаххас намудани принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм, мукаммал кардани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирӣ ва мубориза бо он, мавриди истифода қарор додани усулҳои наву муассири бартараф намудани оқибатҳои амали террористӣ бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ зарур ва ногузир аст.

Тавре дар оғози матлаб гуфтем, алъон дар бораи терроризм матолиби зиёд пахш ва нашр мешавад. Ин, албатта, хуб аст, вале эътироф бояд кард, ки дар аксар матолиб умумигӯӣ ва такрор меҳвар буда, ин ҷанба аз бетафовутии муаллиф ба пайомади террроризм ва огоҳии комил надоштан аз моҳияти масъала маншаъ гирифтааст.

Мақолаҳои ба ин масъала рабтдошта дар сурате нишонрас, пурмуҳтаво, таваҷҷуҳбарангез ва дар ташаккули афкори ҷомеа саҳмгузор мегарданд, ки зимни иншои онҳо таҳлил амиқ бошаду ҳадафу мақсад бо истинод ба далелҳои асоснок бозгӯӣ гардад. Бинобар ин, бояд, пеш аз ҳама, шарҳ диҳем, ки терроризм, яъне - чӣ?

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», «терроризм ин мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад».

Террорист бошад, шахси воқеӣ аст, ки дар амалӣ намудани фаъолияти террористӣ дар ҳама шакл иштирок менамояд ё мақсади иштирок дар фаъолияти террористиро дорад.

Рӯи кор омадани ташкилоти террористӣ «идомаи мантиқӣ» - и ин раванди номатлуб буда, дар ин замина доманаи фаъолияти террористон густурдатар мегардад. Чунин ташкилот бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти террористӣ таъсис дода шуда, дар фаъолияти худ имконияти истифодаи терроризмро эътироф менамояд. Бояд мадди назар дошт, ки ташкилот ҳамчунин террористӣ ба ҳисоб меравад, агар яке аз воҳидҳои сохтории он фаъолияти террористиро бо огоҳсозии ақаллан яке аз мақомоти роҳбарикунандаи ин ташкилот анҷом диҳад.

Фаъолияти террористӣ «гуногунҷанба» буда, ташкил, банақшагирӣ, тайёрӣ ва содир намудани амалҳои террористӣ, моил кардан ба содиркунии амалҳои террористӣ, даъвати зӯроварӣ бо ҳадафҳои террористӣ, ташкили гурӯҳҳои ғайриқонунӣ ё ташкилоти ҷиноятӣ бо мақсади содир намудани амалҳои террористӣ, иштирок дар онҳо, ҷалб кардан, мусаллаҳ намудан ё истифодаи террористон, омӯзонидани малакаи террористӣ, маблағгузории ташкилоти террористӣ ё террористон аз ҳамон ҷумлаанд.

Илова бар ин, дар ҳама шакл кумак расондан ба ташкилотҳое, ки фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон террористӣ эътироф шудааст, таблиғи ғояҳои терроризм, паҳн кардани иттилооте, ки ба амалигардонии фаъолияти террористӣ даъват менамояд ё зарурати амалигардонии чунин фаъолиятро асоснок ё сафед мекунанд, аз ҷумла бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионии истифодаи умум ва интернет, фаъолияти террористӣ маҳсуб мешавад.

Аз далелу рақамҳо бармеояд, ки терроризм ва ифротгароӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар ибтидои мавҷудияти инсоният зуҳур кардааст. Фарқият танҳо дар роҳу усулҳои содиршавии амалҳои террористӣ зоҳир мегардад. Ҳама гуна зуҳурот моҳият дорад ва террористон низ зери «табл»- и роҳбарони пасипардагӣ «мерақсанд». Маҳз бастакорони пасипардагӣ дар заминаи мағзшӯйии ҷавононро гумроҳ намуда, ҳадафҳои муғризонаашонро амалӣ месозанд.

Дар маҷмӯъ, мақсади террористон эҷоди бесуботӣ, барангехтани низоъҳои миллию мазҳабӣ ва нажодӣ мебошад. Барои ин тоифа манфиатҳои миллию давлатӣ умуман арзиш надоранд, онҳо ҳавасманди эъмори давлате ҳастанд, ки гӯё ҷавобгӯи «аҳком» - и динӣ ва мазҳабӣ мебошад.

Боиси нигаронӣ он аст, ки терроризм бо риояи «назокат» - ҳо, дар шаклҳои гуногун, зери шиорҳои мафкураи ифротӣ асоснок гардида, таҳмил ва ташвиқу тарғиби он ба марҳилаи сифатан нав ворид гаштааст. Ба таъбири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «ҳаракатҳои террористӣ ҷараёни мушаххаси мақсадгузорӣ, омодасозии рӯҳиву равонӣ ва ҷисмониро дар бар мегиранд».

Мутаассифона, як қисми аҳли зиё ҷиҳати ба мардум, хоса насли наврас, шарҳу тавзеҳ додани аҳдоф, моҳият ва оқибатҳои терроризм то андозае саҳлангоранд. Зиёданд ҳолатҳое, ки ба муроҷиати журналистон баҳри дар якҷоягӣ омодасозии матлаб дар ин бобат бетафовутӣ зоҳир мекунанд, баҳона меҷӯянд, худро канор мегиранд, ки ин тамоюл ба заъфи корҳои фаҳмондадиҳӣ боис мегардад. Масъулинро мебояд сари ин масъала ҷиддӣ андеша ва бетаъхир тадбирандешӣ намоянд, вагарна ...

Ба андешаи декани факултети фалсафаи ДМТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Нозим Маҳмадизода, ки пажӯҳиши анҷомдодааш ба масъалаи мавриди назар рабт дорад, терроризми муосир якчанд махсусият дорад.

Васеъ гардидани доираи ҷуғрофӣ, аз ҷониби ташкилоти байналмилалии террористӣ истифодаи омилҳои этникӣ-динӣ, таъсири омилҳои мухталифи дохилӣ ва берунии




иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, торафт муташаккил гардидани фаъолияти террористӣ, ташкили гурӯҳҳои калони террористӣ бо инфрасохтори рушдёбанда, таҳия ва такмили методҳои нави фаъолияти террористӣ аз ҳамон ҷумлаанд.

Бино ба гуфти ҳамсуҳбатам, сатҳи баланди терроризм дар як қатор кишварҳои Аврупо, Африқои Шимолӣ, Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин миён ташкилоти нисбатан сернуфуз ва хеле хавфнок ҳаракати байналмилалии ифротию террористии мамнуъшудаи «Давлати исломӣ» ба ҳисоб меравад. Дар шарҳу тавзеҳи ин омил зикр шуд, ки ҳадафи асосии харакати мазкур таъсиси бо ном «хилофати исломӣ» дар Шарқи Наздик, Африқо, Аврупои Ҷанубӣ, Осиёи Марказӣ ва Қафқози Шимолӣ мебошад. Васеъ гардидани минтақаҳои зери таъсири давлати бо ном исломӣ бо паҳн гардидани ғояҳои радикалии исломӣ имконпазир гашта, имкон фароҳам овард, ки ба сафи он намояндагони 80 кишвари олам, аз ҷумла Тоҷикистон, ҷалб шаванд.

Нозим Маҳмадизода ҳамфикр буданашро ба андешаи инҷониб дар бобати яке аз василаи муассири паҳн кардани ғояҳои терроризм маҳсуб шудани интернет изҳор намуда, афзуд, ки имкониятҳои он ба сифати воситаҳои робитавӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти экстремистию террористӣ, ҷалби аъзои нави сохторҳои радикалӣ зиёд истифода мешавад. Дар интернет ҳатто дастурамалҳо оид ба тарҳрезӣ ва гузаронидани амалҳои террористӣ ҷой дода мешаванд, ки моҳиятан барои ашхоси ифротӣ роҳнамо аст.

Ҳамсуҳбатам ба он назар аст, ки бояд фаъолият баҳри ҳалли мушкилоти мавҷуда дар самти муқовимат ба идеологияи терроризм тавсеа бахшида шавад. Муқовимат ба терроризм ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти мақомоти минтақавии соҳаи маориф ва сиёсати ҷавонон, роҳбарони муассисаҳои маърифатӣ ва дар маҷмӯъ тамоми ҷомеа ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳои гузаронидашуда оид ба самаранокии низоми амалкунандаи муқовимат ба идеологияи терроризм аз зарурати афзун намудани мубодилаи таҷриба байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шаҳодат медиҳад. Агар мо хоҳем, ки ба самаранокии истифодаи усулҳои таҳиягардидаи зидиифротӣ баҳои воқеӣ диҳем, бояд муттасил тадқиқоти сотсиологӣ гузаронда шавад.

Нозим Маҳмадизода аз он нигарон аст, ки сатҳи омодагии омӯзгорон аз махсусиятҳои ба пешгирии ифротгароию терроризм рабтдошта мувофиқи мақсад нест. Аз ин рӯ, ташкили курсҳои такмили малака вобаста ба ин масъала барои омӯзгорони муассисаҳои таълимии давлатӣ ба мақсад мувофиқ аст. Онҳо бояд бо маҳорати хос иттилооти заруриро дар бораи хатар, воситаҳои ҷалбкунии ҷавонон ба фаъолияти террористӣ ва муқовимат бо идеологони гурӯҳҳои ифротию террористӣ ба насли наврас расонанд. Ин иқдом боис мегардад, то омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия сари вақт нишонаҳои радикализму ифротишавиро миёни ҷавонон ошкор намоянд.

Барои тайёр кардани омӯзгорон ҷалби мутахассисони ботаҷриба аз соҳаҳои фарҳанг, санъат, илмҳои иҷтимоӣ - гуманитарӣ, рӯҳониёни муътабар шарти муҳим мебошад. Ғайр аз ин, донишу касбияти шахсони мансабдор, масъулони корҳои тарбиявиро баҳри муқовимат ба терроризм такмил додан ба манфиати кор аст.

Эътироф бояд кард, ки маводи зарурӣ вобаста ба тарғиби зиддиифротию зиддитеррористӣ таҳиягардида барои ҳайати профессорон - омӯзгорон нокифоя ва то андозае дастнорас боқӣ мемонад. Мутахассисон дар бораи китобу асарҳои марбут ба ин масъала иттилои кофӣ надоранд. Ҳамсуҳбатам муътақид аст, ки истифодаи асару интишороти доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, раиси КДАМ Саймумин Ятимов, ки маҳз ба масъалаҳои тарбияи шуури зиддиэкстремистию зиддитеррористӣ бахшида шудаанд, метавонад садди устувор барои пешгириву рафъи зуҳуроти зикршуда бошад.

Илова бар ин, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон асару монографияҳои зиёд дар робита ба экстремизм ва терроризм ба нашр расидаанд, ки ҳамчун маводи иттилоотии махсусгардонидашудаи базавӣ барои омӯзгорон ва психологҳои муассисаҳои таълимии кишвар пешбинӣ гардидаанд. Ба манфиати кор хоҳад буд, агар имконияти зикршуда ба ҳайси маводи омӯзишӣ ва донишгоҳ ба сифати майдони мубодилаи таҷриба дар соҳаи муқовимат ба идеологияи терроризм истифода гардад. Чунин захираҳоро дар шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияҳо низ ташкил кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Беҳтар аст, агар намоишгоҳҳои «Илм ва маориф - алайҳи террор» дар сатҳи минтақавӣ, дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои бонуфузи соҳаи маориф бо назардошти хусусиятҳои мушкилот ташкил шаванд. Ин тадбир аз он ваҷҳ муҳим аст, ки таъминоти илмии муқовимат ба идеологияи терроризм ҳанӯз ба талаботи амалия ҷавобгӯ нест. Мавзӯъҳои афзалиятноки илмӣ, ба мисли манбаъҳои ташаккули ҷаҳонбинии террористӣ ва ҳолатҳои ба ин раванд мусоидаткунанда, методикаи фаъолияти ташкилотҳои террористӣ, таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Ба ғайр аз ин, натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз истифодаи амалии онҳо фарсаххо дур аст. Аз ин рӯ, декани факултети фалсафаи ДМТ пешниҳод кард, ки ҷавонони донишҷӯ, кормандони илмӣ ба гузаронидани корҳоиояндадори илмӣ-тадқиқотӣ оид ба муқовимат ба терроризм фаъолона ҷалб шаванд.

Профессор Н. Маҳмадизода мутмаин аст, ки барои коҳиш додани сатҳи радикализатсияи ҷавонон, роҳ надодан ба ҷалби онҳо ба фаъолияти террористӣ ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои ба минтақаҳои даргир сафар кардани ашхоси ҷавоне, ки дорои ақидаҳои радикалӣ мебошанд, тақвият бахшидани тарбияи ватандӯстӣ ва маънавӣ - ахлоқии ҷавонон зарур аст. Дар ҷавонон маҷмӯи арзишҳо ва меъёрҳои таърихан маъмули ватандӯстӣ, тасаввурот дар бораи зарурати инкор кардани идеологияи зӯровариро бояд ташаккул дод.

- Бо ҷалби кормандони соҳаи таълиму тарбия гузаронидани чорабиниҳо оид ба устуворӣ ба идеологияи терроризм ва дигар амалҳои зиддиҷамъиятӣ, аз худ намудани барнома ва маводи таълимӣ - методӣ оид ба муқовимат ба идеологияи терроризм бениҳоят муҳим аст. Пуррагардонии захираҳои интернетӣ бо маводи марбут ба муқовимат ба идеологияи терроризм низ метавонад ба беҳбуд ёфтани фаъолият дар ин самт таҳрик бахшад, - афзуд ҳамсуҳбатам.

Эътироф бояд кард, ки қишри нисбатан осебпазир дар муқобили терроризм маҳз ҷавонон мебошанд. Далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки ҷавонони ба гурӯҳу созмонҳои ифротӣ ҷалбшуда саводи кофии дунявӣ ва маърифати динӣ надоранд. Дар аксар ҳолат маҳз ҳамин омил аз ҷониби намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро суиистифода мешавад.

Бинобар ин, дар шароити торафт шиддат гирифтани равандҳои марбут ба глобализатсия барои ин қишр эҳтирому арҷгузорӣ ба ҷоннисориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бояд авлавият бошад. Ба ҷавонон талқин бояд кард, ки дар сурати Ватанро дӯст доштан, аз он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри сулҳу субот, осудагиву ваҳдат ва истиқлолият расидан, шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатиро ба ҷо овардан метавонем кишвари воқеан ободу пешрафта ва тавоно бунёд намоем.

Зимни шарҳу тавзеҳи терроризм ва оқибатҳои он корро тавре ба роҳ бояд монд, ки ҷавонон баҳри тақвияти аркони давлатдорӣ бо сохторҳои марбута беш аз пеш ҳамкориву қаробат намоянд. Ин тадбирандешиҳо замина фароҳам меорад, ки насли наврас дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб намоянд, илму донишҳои муосирро аз худ кунанд, касбу ҳунарҳои замонавиро омӯзанд ва дар оянда мақоми арзандаи худро дар ҷомеа соҳиб шаванд.

Дар он сурат паҳншавии терроризм пешгирӣ ва террористон ноком мешаванд.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

Заҳмати ҳампешаро ҳампеша медонад



**Ба пиндори камина рӯзноманигори шинохта Мирзомаҳмуд Мирбобозода, шахсияте, ки соли 1992 дар ҷараёни баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сармуҳаррири нашрияи парлумонии «Садои мардум» таъин гардида буд, ба муаррифӣ ниёз надорад.**

# СУХАНГУСТАРИ ВОЛОГУҲАР

Рӯзноманигори шинохта, корманди собиқадори нашрияи «Садои мардум» Тиллои Неккадам дар мақола зери сарлавҳаи «Раҳи иқбол аз иҷлоси он шуд боз...» дар нашрияи мазкур таҳти рақами №139-142 (4559-4562) аз 14-уми ноябри соли 2022 чунин навиштааст: «Аз Дастгоҳи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш шуд, ки хабарнигорони рӯзномаи «Садои мардум» барои инъикоси кори Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ба шаҳри Хуҷанд раванд. Иҷрокунандаи вазифаи сармуҳаррири рӯзнома Мирзомаҳмуд Мирбобоев ва хабарнигори рӯзнома Мардони Муҳаммад ба сафари хизматӣ ба шаҳри Хуҷанд фиристонида шуданд. Дар шаҳри Хуҷанд ба онҳо хабарнигори рӯзнома Абдуғаффор Қурбонов, хабарнигорони минтақавии рӯзнома дар вилояти Ленинобод Солеҳи Зарифзод ва хабарнигори рӯзнома дар вилояти Кӯлоб Бобоҷон Абдулвоҳидов ҳамроҳ шуданд…

Хабарнигорони парлумонии рӯзнома шурӯъ аз 18-уми ноябри соли 1992 то 15-уми декабри соли 1992 дар бораи ҷараёни иҷлосия иттилоия, хабар, муроҷиатномаҳо, қарорҳои нав қабулшуда ва гузориши фишурдаро чоп карда, инчунин баромаду гузоришҳои вакилони халқро сабт карда, фишурдаи онро дар коғаз навишта, аз тариқи телетайпи АМИТ «Ховар» ва тавассути телефон ба идораи рӯзномаи «Садои мардум» мефиристоданд. Албатта, ин кори вазнин ва заҳматталаб буд, вале хабарнигорон масъулияти дар наздашон гузоштаро хуб дарк намуда, софдилона меҳнат мекарданд».

Шиносоии ғоибонаи мо бо устод Мирзомаҳмуд Мирбобозода солҳои 80-уми асри гузашта, ҳангоми мухбири калон ва хабарнигори махсуси рӯзномаи бонуфузи «Тоҷикистони советӣ» буданаш ба вуқӯъ пайваста буд. Ҳангоми таҳсил дар мактаби миёнаи зодгоҳам деҳаи Артуч ба нигоштаҳои М. Мирбобоев зуд-зуд дучор меомадаму ҳаваси мисли ӯ рӯзноманигор шуданро дар замирам мепарваридам.

Азбаски падарам Ҷӯрабой Кенҷаев ҳамсинф ва рафиқи наздики нахустсардабири нашрияи парлумонии «Садои мардум», рӯзноманигори зиндаёд Муродуллоҳи Шерализода буданд, гуфтанд, ки Мирзомаҳмуд Мирбобоев хеши наздики нависандаи маъруфи тоҷик, устоди сухан Сотим Улуғзода буда, солҳои зиёд ба ҳайси тарҷумон дар Афғонистон фаъолият дошт.

Он солҳо рӯзноманигори шинохта Мирзомаҳмуд Мирбобоев бисёр шуҳратёр буданд, алалхусус дар миёни рӯзноманигорони ватанию бурунмарзӣ.

Қаламкашони маъруфу шинохта ҳамчун мухбирони махсуси назди сардабир, мухбири калон ва инчунин ба ҳайси мудири шуъба аз паси мактубҳои бешумори хонандагон ба шаҳру ноҳияҳо ба сафарҳои хидматӣ баромада, дар якҷоягӣ бо масъулини шаҳру ноҳияҳо паси ислоҳу бартараф намудани камбудиҳо мешуданд.

Шиносоии наздики мо бо қаҳрамони матлаб тавассути устоди азиз Ибод Файзуллоев ба вуқӯъ пайваст.

Бо номбурда моҳи марти соли 1998, замоне ки устод иловатан вазифаи сармуҳарририи нашрияи навтаъсиси «Ҳаёти деҳот»-у маҷаллаи «Фермер»-и Ассосиатсияҳои миллии хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда доштанд, ҳамкорӣ кардам.

Маҳз ҳамин омил боис гардид, ки шиносоии навбатӣ батадриҷ ба дӯстии мустаҳкам, устодиву шогирдӣ ва рафтуомади хонаводагӣ мубаддал шуд. Пеш аз ҳама, одаму одамгарӣ, хоксориву фурӯтанӣ, одоби баланди муошират, меҳру самимият, панду насиҳати падарона, маслиҳатҳои судманд, ҳақгӯиву ҳақҷӯӣ ва якрӯягиву рӯирост ва беибо сухан гуфтанашон писанду дар хотирам хуб нақш бастаанд, ки ҳамеша онро сармашқ ва роҳнамои кору фаъолият меҳисобам, зеро ин гуна хислатҳои хосу накуи устоди гиромӣ Мирзомаҳмуд Мирбобозода садоқат ба рафоқат ва боиси пайравӣ маҳсуб меёбад.

Оре, номи наку ва кору пайкори мондагори сухангустари вологуҳар устоди азизу арҷманд Мирзомаҳмуд Мирбобозода мудом дар лавҳи хотири мо, шогирдонашон, шуълаи фурӯзонеро мемонад, ки онҳоро ҳамеша сармашқи кору фаъолият меҳисобем.

Мавсуф аз зумраи насли қаламкашоне мебошанд, ки дар оғози солҳои 60-уми асри гузашта ба майдони матбуот ворид гардида, авроқи рангини рӯзгорро самаранок ва бо шиори нашрияи муътабари «Садои мардум» - «Ибодат ба ҷуз хидмати халқ нест!» самаранок сипарӣ намудаанд. Кош, сафи чунин шахсиятҳои бузург ва инсонҳои дилсофу матинирода ва соҳибдилу соҳибмартаба дар раванди рӯзгор бештар бошад, ки буданашон ҳамеша боиси ифтихор ва сарфарозист.

**Мухбирҷон КЕНҶАЕВ, рӯзноманигор**

Шинохти инсон

*«Халқе, ки аҷдоди худро қадр ва гузаштаи худро ҳифз менамояд,ояндаи нек дорад».*

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# ГАНҶИНАДОР



**Фарҳод Низомов. Ин ном на танҳо миёни сокинони шаҳри Панҷакент, балки барои доираи васеи аҳли фарҳангу ҳунари тоҷик ошност. Зеро ин марди воқеан фидоӣ дар муаррифии фарҳангу ҳунар, ҳифзу нигоҳдории осори гаронмояи миллати тоҷик, ҳамчун композитор, мусиқишинос, осорхонашинос беш аз 50 соли умри пурбаракати хешро сарф намудааст.**

Бо ҳам пештар шинос шуда будем ва баъдтар ин дӯстӣ ҳангоми иҷрои кору вазифа қавитару самимитар гардид.

Қаҳрамони матлаб аз хатми мактаби миёна дар шуъбаи назариявӣ - композитории Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе дарсҳои композитсияро аз устодон М. Светеев, Г. Александров ва М. Атоев омӯхта, сипас таҳсилро дар Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзода (ҳоло Донишкадаи давлатии санъат ва фарҳанг) дар риштаи мусиқишиносӣ идома додааст. Пасон, дар мактабҳои бачагонаи мусиқӣ фаъолият намуда, дар ин давра чандин асарҳо барои фортепиано, труба, виолончел, скрипка, флейта ва сюита барои оркестри созӣ эҷод намудааст. Ду сюитаи хореографӣ «Қиссаи Ҳафткӯли Шинг» ва «Дурдонаҳои Панҷакент»-ро дар ҳаммуаллифӣ бо Миратулло Атоев офариданд. Яке аз самтҳои фаъолияти мусиқишиносии Фарҳод Низомов ба таҳқиқи фолклори маросимии водии Зарафшон ва тоҷикони Самарқанду Қашқадарё аст. Асарҳои «Сурудҳои тӯёнаи тоҷикон» ва «Фолклори тӯйӣ ва эҷодиёти композиторони тоҷик» маҳсули заҳматҳои ин марди ҳунар мебошанд. Дар ин самт Фарҳод Низомовро ҳамчун композитор ва мусиқашиноси сатҳи олӣ метавон эътироф намуд.

Марҳилаи дигари фаъолияти пурсамари ин фидоии фарҳанг ба соли 1986, баъд аз мудири шуъбаи фарҳанги Комиҷроияи шаҳри Панҷакент таъин шуданаш рост меояд. Таъсиси Мактаби санъати шаҳри Панҷакент, Осорхонаи мақбараи устод Рӯдакӣ, Осорхонаи таърихӣ - фарҳангии шаҳри Панҷакенти қадим, Боғи маданият ва истироҳатии марказии шаҳр, ансамбли халқии фолклории «Марворид», азнавсозии толорҳои Осорхонаи ҷумҳуриявии таъриху кишваршиносии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, хона - музейҳои Лоиқ Шералӣ ва Файзулло Ансорӣ, тармими мақбараҳои Олим Додхоҳ ва Хоҷа Муҳаммади Башоро, таҳияи тарҳи нави мавзӯӣ - экспозитсионӣ ва барномаҳои нав барои ҳунармандони шаҳри Панҷакент барои фестивал – озмунҳои «Бӯстон», «Андалеб» ва ансамбли фолклории «Марворид» дар фестивалҳои байналхалқии Молдовия (1988), Италия (1989) ба замони роҳбарии ӯ рост меояд. Ин муддат дастаҳои ҳунарии шаҳри Панҷакент дар чандин озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ғолиб омада, ба гирифтани шоҳҷоизаҳо мушарраф гардидаанд.

Соли 1996 роҳбарияти Вазорати фарҳанг ва ҳукумати шаҳри Панҷакент Фарҳод Низомовро ба вазифаҳои масъул - директори Осорхонаи ҷумҳуриявии таъриху кишваршиносии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Панҷакент пешбарӣ намуданд.

Осорхонаи мазкур соли 1958 ба ифтихори ҷашни 1100 - солагии Сардафтари адабиёти тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мувофиқи лоиҳаи меъмори машҳур Александр Макуха бунёд шудааст. Дар осорхона на танҳо экспонатҳо аз ҳафриёти Панҷакенти бостонӣ, балки аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ гирдоварӣ шудаанд.

Он замон ман ба ҳайси роҳбари дастгоҳи Вазорати фарҳанг фаъолият менамудам ва шоҳид гардидам, ки аз нахустин рӯзҳои фаъолият Фарҳод Низомов бо дасту дили гарм, собитқадамӣ барои осорхона корҳои назаррас анҷом дод. Бо шарофати заҳматҳои шабонарӯзиаш осорхона симои чашмрас касб намуд. Тармими бинои осорхона, ободии атрофи он, такмил ва зиёдсозии толорҳо, табдили навиштаҷотҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), ҳамчунин, таъсиси гӯшаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва корномаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самараи заҳматҳои ин марди ташаббускор ва созанда мебошанд.

Иқдоми дигар ҷалби мактабиён ба осорхона буд, ки самараи дилхоҳ дод. Номбурда ба омӯзишу тарбияи насли наврас ҳавасманд буда, ҳамкориро бо мактабу таълимгоҳҳо қавӣ намуд. Дар лаҳзаҳои фориғ аз дарс ва рӯзҳои истироҳат мактабиён аз шаҳру деҳоти атроф ва навоҳии Айниву Мастчоҳ ба тамошои осорхона меомаданд ва ба таъриху фарҳанги кишвар ошно мешуданд. Бисёр омӯзгорон дарсҳоро аз фанҳои таърих, забон ва адабиёт, биология, ҷуғрофия ва зоология бевосита дар толорҳои осорхона мегузарониданд.

Ташкили шӯрои илмии осорхона низ ташаббуси бевоситаи Фарҳод Низомов мебошад. Ин шӯро тавонист, на танҳо кормандони осорхона, балки зумрае аз аҳли илму адаби шаҳрро ҷалб намояд. «Дастури музей» (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), рисолаҳои «Аз таърихи номгузории гузарҳо ва маҳаллаҳои Панҷакент», «Ҳунармандони Панҷакент», «Хотираҳои сафари устод Айнӣ ба Панҷакент», «Робитаҳои хориҷии музей», «Фарҳанги истилоҳоти музей», «Таърихи осорхонаҳо дар Панҷакент», «Таърихи осорхона ва мақбараи устод Рӯдакӣ» аз ҷумлаи осоре мебошанд, ки замони роҳбарии ӯ нашр гардидаанд.

Борҳо шоҳиди он будам, ки ин фидоии роҳи фарҳангу ҳунар баҳри ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба осорхона то охирин лаҳза пофишорӣ намуда, ба ҳалли мусбати он дастёб мешуданд.

Фарҳод Низомов бо ифтихор ба ёд меорад, ки дар таърихи Осорхонаи ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ воқеаи фараҳбахшу хотирмоне ба вуқӯъ пайваст. 8-уми сентябри соли 2008 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз осорхона дидан намуда, пас аз тамошо фикру мулоҳизаҳои судманд иброз доштанд, ки баҳри рушди минбаъдаи он мадад намуд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки: «Осорхонаи ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро мебояд ба яке аз марказҳои фарҳангии миллати тоҷик табдил дод. Ба кормандони осорхона суботкорӣ, иродаи қавӣ, қадамҳои устувор ва зафарҳои беназирро баҳри ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани таъриху фарҳанги тоҷик орзу менамоям». Ин суханони пур аз меҳри Сарвари давлат кормандони осорхонаро рӯҳбаланд намуд ва имрӯз онҳо ҳамчун ганҷинадори фарҳанги миллат кору фаъолият менамоянд.

Имрӯз ҳам ин марди хирад, новобаста ба бознишастагӣ, дар ҳаёти сиёсиву фарҳангии шаҳри Панҷакент, тарбияи насли наврас фаъолона ширкат менамояд. Дар суҳбате, ки чанд рӯз қабл доштем, изҳор намуданд, ки воқеан нигаронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба тамоюли бегонапарастӣ, нодида гирифтани арзишҳои миллӣ замони бархӯрди тамаддунҳо саривақтӣ мебошад ва вазифаи шаҳрвандии ҳар яки мост, ки алайҳи он мубориза барем.

Ба устод давлати пириро дар ҳалқаи дӯстону наздикон ва фарзандону наберагон таманно дорем.

**Мирзошоҳрух АСРОРӢ, Корманди шоистаи Тоҷикистон**

# ТАТБИҚИ БАРНОМАҲО - МУСОИДАТ БА РУШДИ ВАРЗИШ

**Дар заминаи дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди соҳаи варзиш дар вилояти Суғд тадбирҳои саривақтӣ андешида мешавад. Ҳоло дар шаҳру ноҳияҳои вилоят як силсила қарор ва барномаҳо дар самти варзиш, аз ҷумла «Барномаи маҳаллии маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар вилояти Суғд барои солҳои 2022-2026» ва «Барномаи рушди футбол дар вилояти Суғд барои солҳои 2022-2026» амалӣ шуда истодааст, ки ба рушди соҳа мусоидат менамоянд.**

Таъсиси стипендияи раиси вилоят барои 60 варзишгари беҳтарини вилоят, қадршиносии варзишгарон, иштироки дастаҳои футболи вилоят дар лигаи олӣ ва лигаи якуми мамлакат, гузаронидани 1270 мусобиқаи вилоятию минтақавӣ ва маҳаллӣ дар соли 2022, иштироки дастаҳои мунтахаби вилоят ба чемпионатҳои ҷумҳурӣ ва мусобиқаҳои байналмилалӣ башорати татбиқи самараноки барномаҳои давлатӣ аст.

Тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2022 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 120 иншооти варзишӣ аз ҳисоби буҷет ва дигар сарчашмаҳо сохта шуданд.

Соли 2022 дар вилоят 112 мусобиқаи вилоятӣ баргузор гардиданд, ки дар онҳо беш аз 9 ҳазору 250 варзишгари вилоят иштироки фаъолона доштанд. Ҳамзамон, варзишгарони вилоят дар 116 мусобиқаи ҷумҳуриявӣ ва 58 мусобиқаи байналмилалӣ иштирок намуда, ба гирифтани 1250 медали тилло, 1040 медали нуқра ва 1300 медали биринҷӣ шарафёб гардиданд.

Комроншоҳи Устопириён дар Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ ва ГРАНД СЛАМ, оид ба намуди гӯштини дзюдо ҷойҳои дуюм ва сеюмро соҳиб шуд. Дар Чемпионати Осиё оид ба бокс байни наврасон ва ҷавонон бошад, Шаҳбоз Ҳаитов ҷои дуюм, Хусравхон Раҳимов, Рустам Ашӯров ва Юсуф Фозилов сазовори ҷои сеюм, Муҳаммад Абдуҳакимзода дар Чемпионати Осиё оид ба гӯштини юнонӣ - румӣ байни наврасон ҷои сеюм, Ҷамшед Мақсудов дар Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштини тарзи озод байни собиқадорон ҷои дуюм, Фарзиншоҳ Ҳусейнов дар Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштини самбо байни ҷавонон ҷои якум, Мавзуна Азимова дар мусобиқаи байналмилалӣ оид ба камонварӣ ҷои сеюм, Бобоҷон Бобоҷонов дар мусобиқаи байналмилалӣ оид ба қаиқронӣ ҷои сеюм, Ҳамроз Раҷабов дар мусобиқаи байналмилалӣ оид ба гӯштини дзюдо барои дарёфти Ҷоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои якум ва Алпомиш Ҳамроқулов дар Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштини камарбандӣ сазовори ҷои якум гардиданд.

Чанде пеш дар Кохи фарҳанги ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ маросими қадршиносии варзишгарони вилоят барои дастовард ва натиҷаҳо дар соли 2022 баргузор гардид. Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба 60 варзишгар стипендияҳои раиси вилоятро супорид ва як қатор мураббиёну собиқадорон ва кормандони соҳаи варзиш бо сипосномаву туҳфаҳои хотиравӣ қадршиносӣ гардиданд.

Воқеан ҳам, варзиш барои насли ҷавон ҳамчун мактаби муҳими ҷаҳонфаҳмию тарғиби арзишҳои олии инсонӣ хизмат карда, ба гуфти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Маҳз ҷавононанд, ки дар оммавигардонии варзиш нақши асосӣ дошта, ба шарафи пирӯзиҳои онҳо Парчами давлатии Тоҷикистони маҳбуби мо дар гӯшаҳои гуногуни дунё парафшонӣ мекунад».

**Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

Нигаронӣ

# ОЁ ШАҲИДОНИ ШАРОРА САЗОВОРИ ТАҲҚИРАНД?

## Ё барои ғасбу бунёди ғайриқонунии манзили зист болои абадӣ хуфтагони «Мазори шаҳидон»-и Шарора, кӣ ҷавоб мегӯяд?

**Заминларзаи сахти сию чор сол қабл соати 5:02 дақиқаи субҳ дар шаҳраки Шарора ва деҳаҳои Оқули болою Оқули поёни ноҳияи Ҳисор рухдода на танҳо сокинони Тоҷикистонро, балки мардуми кишварҳои сайёраро ғамгин кард. Дар он шабу рӯзҳои фоҷиа аз тамоми гӯшаву канори ҷаҳон, новобаста ба мансубияти миллию нажодӣ ва динию мазҳабӣ, сели барқияҳои ҳамдардӣ ирсол мешуданд. Он субҳ гӯё балои азиме падид омад. Осмони пурситора якбора тира гардид. Бар асари заминларза пораи азими кӯҳ канда шуда, селобаи лойқа хурду калонро чун ботлоқ фурӯ мебурд. Мардум дар муқобили деви офат даҳшатзадаю оҷиз буданд ва ягона коре, ки онҳо карда тавонистанд аз таги хок берун баровардани ягона каси зиндамонда - Шарора буд.**

Комиссияи ҳукуматии таъҷилан таъсисёфта ба ҷойи ҳодиса омад ва дар рӯзи дуюми ин фоҷиа, ки кофтуков дигар маъно надошт, мавзеи офат мазори умумии шаҳидон эълон шуд. Баъдан атрофи мазор, як қисми хонаҳои барҷомонда, фермаи чорводории бо 23 говдӯшу чорвояш зери хокмонда, девор гирифта шуд. Дар ниҳоят «Мазори шаҳидон» осорхонаи кушода эълон гардид. Ин ҷо аз оҳан «Лавҳаи хотира» сохтанду дар як канори он санги хоро гузошта, ба хотири шаҳидон чанд сатр навиштанд, ки алҳол аз он нишоне намондааст. Дар атрофи лавҳа барои зиёраткунандагон дарахтони сӯзанбарг шинонда, курсиҳо гузошта, роҳрав бунёд намуданд. Ҳамон сол барои хонаводаҳои зиндамондаю зарардида дар ҷойи дигар манзил сохта доданд.

Беш аз понздаҳ соли баъд аз ҳодиса мазор дар ҳолати муқаррарӣ қарор дошт, вале баъдан ба ҳолати риққатовар расид. Барои баъзе сангдилон макони чаронидани чорво, манбаи ҳосил намудани гӯшту шир, инчунин, партовгоҳ шуд. Илова бар ин, болои мазор хонаҳои истиқоматӣ сохтанд. Мазор аз madди назари масъулини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор, Ҷамоати шаҳраки Шарора дур монда, маҳале гардидааст, ки ба он чашм ало кардаанд.

Дар рӯ ба рӯи мазор шанбеи ҳар ҳафта бозори чорво баргузор мешавад.

То даромадгоҳи мазор тавассути роҳи калон тақрибан 100-150 метр роҳ рафтан лозим меояд. Дар заминҳои паҳлуи девори он бахшида ба 20 - солагии фоҷиаи «Заминларзаи Ҳисор» ҳанӯз моҳи феврали соли 2009 бо ташаббуси масъулини Ҷамоати шаҳраки Шарора ва сокинону хешу ақрабои зерихокмонда бештар аз 300 ниҳоли гуногуни мевадиҳанда шинонида, ба қавле боғ бунёд карданд. Мутаассифона, аз бемасъулиятии сокинони маҳаллаҳои атрофи мазор қисме аз дарахтон хушкидаву бештари онро решакан кардаанд.

Дарвоза ва деворҳояш ниҳоят таъмирталабанд. Ба чанд хонаи истиқоматии болои мурдагон сохташуда наздик шудем. Аз дохили ҳавлӣ ва ҳар гӯшае ба мо менигаранду вале ба рӯямон дари ҳавлиро боз намекунанду сӯямон омадан намехоҳанд. Ба ҳар ҳол тавонистем, ки бо чанде аз онҳо дар суҳбат шавем. Тамоми ҳуҷҷатҳои лозима сертификати замин, шиносномаи техникии манзил ва ғайраро бо муҳру имзо дар даст доштанд. Шахсони масъул ба ҳуҷҷатҳои мазкур муҳру имзо пахш карда, хуб медонистанду ва медонанд, ки дар ин мавзеъ бунёди манзили истиқоматӣ манъ аст. Вале ин корро раво дидаанд. Дар асоси кадом қонун? Шояд гӯед, ки ғами имрӯзиёнро хӯрдаанд. Ҳаргиз! Касе, ки ба гузаштагон эҳтиром намегузорад, барояш зиндаҳо ҳам қадре надоранд. Ҳама хуб медонанд, ки соҳиб шудан ба як ваҷаб замин ба чӣ арзише ба даст меояд, агар не, ниёзмандон дар ҳудуди Ҷамоат нестанд, ки аз дигар ҷойҳо омада, маскун мегарданд? Аҷиб, ки ин ҳама «бартарият» дар пеши чашми мақомоти давлатӣ сурат гирифтаву касе ба он монеъ нашуд.

Бо чанде аз ишғолгарони мазор ҳамсуҳбат шудем, ки оё шабҳо осуда хобашон мебарад ва ғизоҳои гӯшту шири аз алафу сабзаҳои мазор ҳосилгардида аз гулӯяшон



мегузарад. Посух гирифтем, ки албатта, чунки ин бори аввал нест, ки қабристонҳоро ба маҳали зист табдил медиҳанд. Дуруст, лекин ин ҷо на онҳое хуфтаанд, ки бо марги муқаррарӣ фавтидаанд, балки қабристони бародарист, «Мазори шаҳидон», на қабристони одӣ. Қабристонҳои куҳнаро баъд аз 40 – 50 сол кофтаву боқимондаҳои ҷасадҳоро гирифта, дар дигар дафнгоҳҳо гӯр мекунанду баъд иморату иншооте месозанд. Дар ин мазор бошад, дар болои қабри мурдаҳо хона ва оғилу ҳоҷатхонаҳо сохта истодаанд.

Аз дарвозаи болопӯшидаи даромадгоҳи мазор ва дарахтони зиёди атрофи он ному нишоне намонда буд. Аз рӯи нақли ҳамсуҳбатонам на танҳо шабонгаҳ, ҳатто дар рӯзи равшан ҳамаро кандаю бурида буданд. Тавре маълум гардид, албатта, ин кор бо иҷозати масъулини Шуъбаи ҳифзи муҳити зисти вақти шаҳри Ҳисор сурат гирифта будааст.

Бо супориши раиси вақти ноҳияи Ҳисор соли 2012 ба ин ҳудуд кӯчонидани бозори калони масолеҳи сохтмонии ноҳия сурат гирифта, нуқтаи сӯзишворӣ, корхонаи истеҳсоли «сементблок» ва чанд адад мағоза қомат афрохтанд. Ишғолгарон худсарона деворҳои бетонии атрофи мазорро канда, роҳи мошингузар ҳам сохтанд. Ҳатто дар паҳлуи девор аз дохили мазор боз як нуқтаи дигари хиштрезӣ ташкил карда, аз хоки дохили мазор истифода мекарданд. Имрӯз дар ҷои он хонаи истиқоматӣ бунёд ёфтааст.

Ҳамроҳонам қабристони муқаррарию умумии деҳаҳои атроф ва шаҳраки Шарора (воқеъ дар паҳлуи «Мазори шаҳидон») - ро нишон доданд, ки бо мурури замон пур гаштааст. Қабристон дар ҳолати ниҳоят хуб қарор дошт. Нишонае аз таҳқир ва беҳурматӣ нисбат ба хуфтагони ин манзили хомӯшон дида намешуд. На партовгоҳ ба назар мерасиду на чорвое он ҷо мечарид, зеро барои тозаю озода нигоҳ доштани қабристони умумии деҳа нафареро масъул таъин карданд. Барои нигоҳдории «Мазори шаҳидон» низ дар давоми даҳ - дувоздаҳ соли аввал як нафар шахси ботақворо вобаста карда буданд, ки дохил ва атрофи онро хеле хуб нигоҳубин мекард. Намегузошт нафаре бе иҷозаи ӯ ба дохили мазор сар халонад. Мутаассифона, баъдан шахсони ҳузарбу худписанд пайдо гашта, боғу роғро вайрону гулҳои рангоранги даромадгоҳро решакан карда, заминҳои пушти девори мазорро байни худ тақсим ва ба сохтмони худсарона оғоз намуданд.

Бо раиси Ҷамоати шаҳраки Шарора оид ба ҳолати ҳузнангези имрӯзаи «Мазори шаҳидон» ва дар мавзеи оромгоҳ манзили истиқоматӣ бунёд кардани сокинон суҳбат кардем. Ӯ дар ҷавоб чунин гуфт: - Ғасби «Мазори шаҳидон»-и Шарора аз ҷониби шаҳрвандон ҳанӯз солҳои 2005 - 2006 оғоз гардида, онҳо болои мурдагон хона сохта, ҳатто дохили оромгоҳро ба чарогоҳ табдил додаанд. Мо кӯшиш ба харҷ дода истодаем, ки бо дастгирии роҳбарияти имрӯзаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор ва соҳибкорони ватанӣ дохил ва атрофи оромгоҳи шаҳидони Шарораро ба танзим дарорем.

Раиси шаҳраки Шарора хуб медонад, ки «Мазори шаҳидон» бо «ташаббус»-и масъулини идораҳои дахлдори вақти Ҷамоати шаҳраки Шарора ба ин ҳол гирифтор шудааст, зеро шиносномаи техникии манзил баъди бо сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таъмин шудани шаҳрванд дода мешавад. Сертификати ҳуқуқи истифодаи заминро пас аз баровардани қарори раиси шаҳр медиҳанд. Қарори раиси шаҳр низ баъд аз баррасии аризаи шаҳрванд аз тарафи комиссияи ноҳиявӣ оид ба манзил хулосабарорӣ шуда, муроҷиат қонеъ карда мешавад. Дар поёни қарор бошад, имзои раис ё муовини ӯ ҳатман гузошта мешавад. Мурдаҳоро таҳқиру зиндаҳоро фиреб додан чӣ маънӣ дошта бошад? Ё дағал шавад ҳам, магар ишғолгарони мазор худ сутуни дунё шуданӣ ҳастанд?

Шояд баъд аз рӯи чоп омадани матлаби зер масъулин ба хулосае меоянд ва то ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ободу зебо гардондани «Мазори шаҳидон»-и Шарора саҳми босазо мегузоранду рӯҳи шаҳидонро шод мегардонанд.

Чӣ хуб гуфта шоир:

**Зиндаҳо бе мову ту худ зиндаанд,**
**Мурдаҳоро шод кардӣ, зинда бош!**

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# МАРҲАБО БА ДОНИШКАДАИ ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН!



**ИСОЗОДА ДИЛОВАРШОҲ ТАРИҚ,**
**ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, номзади илмҳои кимиё**

**ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!**

Дар шароити пешрафти босуръати илм ва техникаву технология танҳо кишварҳое рушд мекунанду мақому ҷойгоҳи сазовори худро нигоҳ дошта метавонанд, ки мардуми босаводу соҳибмаърифат, олимону донишмандон, кадрҳои баландихтисосу ихтироъкор ва техникаву технологияи ба талаботи замона ҷавобгӯй дошта бошанд. Боиси ифтихор аст, ки бо инобати рушди беназири энергетикаи кишвар ва тибқи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми майи соли 2006 таҳти № 211 дар заминаи Коллеҷи политехникии назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимии шаҳри Бохтар (собиқ Қӯрғонтеппа) муассисаи таҳсилоти олии нав ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ ягона - Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон таъсис шуд.

Дар муддати 15 соли фаъолият донишкада дар самти омода кардани мутахассисони лаёқатманд барои соҳаи энергетикаи ватанӣ ва давлатҳои хориҷӣ (Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Туркманистон) натиҷаҳои назаррас ба даст овард.

Дар давоми соли 2022 бо мақсади таҳия ва татбиқи маводи таълимӣ ҷиҳати ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ омодасозии мутахассисони соҳаи энергетика дар 11 кафедра, аз ҷумла 10 кафедраи таълимӣ ва як кафедраи ҳарбии донишкада, барои ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ корҳои муайян амалӣ гардиданд. Нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои хориҷии дуру наздик бо забони англисӣ ва маҷмӯи маводҳои конференсияҳои бонуфуз, ки ба базаи маълумотҳои ҷаҳонӣ (БМҶ), ба монанди Scopus ва Web of Science шомил мебошанд, аз ҷумлаи он буда, дар маҷмӯъ зиёда аз 145 мақола дар шӯроҳои КОА Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар базаи маълумотҳои ҷаҳонии Scopus ва Web of Science, ба табъ расонида шуданд.

Барои фароҳам сохтани муҳити мусоид барои рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҳавасмандсозии фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби ҳайати устодони донишкада 15 патент барои ихтироъкорӣ, аз ҷумла се адад дар хориҷи кишвар, пешниҳод ва қабул гардид.

Ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсил дар донишкада дар раванди таълим 78 синфхонаи таълимӣ, аз ҷумла 28 синфхонаи озмоишгоҳи замонавӣ муҷаҳҳаз бо зиёда аз 100 номгӯй дастгоҳу таҷҳизоти озмоишӣ, истифода мешавад. Дар донишкада ба тайёрии амалии донишҷӯён диққати зарурӣ дода, ҳама намуд таҷрибаомӯзиҳо дар сатҳи зарурӣ гузаронида мешаванд. Таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар асоси шартномаҳои тарафайн мувофиқи ихтисосҳо дар ташкилоту корхонаҳои саноатӣ ва неругоҳҳои барқи обӣ гузаронида мешавад.

Дар ин давра чор нафар омӯзгорони донишкада дар Форуми минтақавии таълимии манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ки 26-27-уми апрели соли 2022 дар шаҳри Алма-Атои Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, иштирок намуданд. Дар рафти ин форум намояндагони донишкада барои ҳамкории оянда бо Донишгоҳи давлатии энергетика ва алоқаи Алма - Ато шартномаи дуҷониба омода намуданд.

Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон равобити илмию таҷрибавиро бо 41 муассисаи таҳсилоти олии дохил ва хориҷи кишвар ба роҳ мондааст. Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ соли дуюм аст, ки дар донишкада гурӯҳи муштарак бо Донишгоҳи давлатии нефту техникии Уфаи Федератсияи Россия фаъолият менамояд, ки аз рӯи формати (1+3) дар шакли мобилияти академӣ ва таълими шабакавӣ, яъне барномаи таълимии курси якумро донишҷӯён дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва барномаҳои таълимии курсҳои 2,3 ва 4 - умро дар Донишгоҳи давлатии нефту техникии Уфа аз бар менамоянд. Барои мукаммал намудани дониш чор нафар донишҷӯёни донишкада дар Академияи кишоварзии шаҳри Костромаи Федератсияи Россия муддати як сол таҳсил намуданд. Бо инобати он ки айни замон зиёда аз 90 соҳа ва намудҳои истеҳсолоти ватанӣ, аз ҷумла истеҳсоли электроэнергия, саноати сабук, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва саноати металлургияи ранга, ба энергияи электрикӣ эҳтиёҷ доранд, донишкадаи мо ҷаҳду талош дорад, ки мутахассисони лаёқатмандро барои кор дар ин соҳаҳо омода намояд, то ин ки онҳо аз ҷумла дар амалигардонии 12 лоиҳаи давлатии сармоягузории Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили «Марҳилаи якуми таҷдиди НБО-и «Норак», «Таҷдиди НБО-и «Сарбанд», «Таҷдиди НБО-и Қайроққум», «Лоиҳаи минтақавии хати интиқоли барқи CASA-1000», инчунин 16 барномаю лоиҳа ҷиҳати солимгардонии вазъи молиявии ширкатҳои энергетикӣ, кам намудани талафоти энергияи электрикӣ, сохтмон ва таҷдиди шабакаҳои барқӣ, саҳми арзанда гузоранд.



**Донишкада дар низоми Маркази миллии тестӣ таҳти № 202 мавқеъ дорад. Лутфан ҳангоми интихоби таълимгоҳҳои олӣ Донишкадаи энергетикии Тоҷикистонро дар ҷойи аввал гузоред.**

| Рамз | Номгӯйи ихтисосҳо | Рӯзона (бо сомонӣ) | Фосилавӣ (бо сомонӣ) | Рақами кластер |
|---|---|---|---|---|
| 1-430101 | Неругоҳҳои барқӣ | 4620 | 3295 | 1 |
| 1-430102 | Низом ва шабакаҳои энергетикии барқӣ | 4620 | | 1 |
| 1-430103 | Таъмини барқ | 4620 | | 1 |
| 1-430103-05 | Таъмини корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бо барқ | 4620 | | 1 |
| 1-430104 | Истгоҳҳои барқии ҳароратӣ | 4490 | | 1 |
| 1-430102-01 | Лоиҳакашӣ ва истифодабарии низомҳои энергетикии барқӣ | 4620 | | 1 |
| 1-080101-03 | Таълими касбӣ (энергетика) | 4620 | | 1 |
| 1-390101 | Радиотехника | 4620 | | 1 |
| 1-530104-03 | Автоматика ва ҳифзи релеии дастгоҳҳои электроэнергетикӣ | 4620 | | 1 |
| 1-530104-05 | Воситаҳои техникии назорат ва ҳисоби истифодаи энергия | 4620 | | 1 |
| 1-530105 | Автоматонии ҳаракатовараҳои барқӣ | 4620 | 3295 | 1 |
| 1-530105-01 | Автоматонии ҳаракатовараҳои барқии дастгоҳҳои саноатӣ ва нақлиётӣ | 4620 | | 1 |
| 1-430105-05 | Манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия | 4490 | | 1 |
| 1-430107 | Истифодабарии техникии таҷҳизоти барқии муассиса | 4620 | | 1 |
| 1-430106 | Технологияи энергияи самарабахш ва менеҷменти энергетикӣ | 4490 | | 1 |
| 1-700401-01 | Сохтмони гидротехникӣ | 4490 | | 1 |
| 1-700401-03 | Сохтмон ва истифодабарии неругоҳҳои обию барқӣ | 4490 | | 1 |
| 1-700401 | Сохтмон ва хоҷагии об | 4490 | | 1 |
| 1-270101-10 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) | 4490 | 3295 | 2 |

## Магистратура

| Рамз | Номгӯйи ихтисосҳо | Маблағи таҳсил (рӯзона) |
|---|---|---|
| 1-430101 | Неругоҳҳои барқӣ | 4620 |
| 1-430103 | Таъмини барқ | 4620 |
| 1-430105-05 | Манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия | 3295 |
| 1-530104-03 | Автоматика ва ҳифзи релеии дастгоҳҳои электроэнергетикӣ | 3295 |
| 1-270101-10 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) | 3295 |
| 1-700401-01 | Сохтмони гидротехникӣ | 3295 |

## Докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD)

| Рамз | Номгӯи ихтисосҳо | Маблағи таҳсил (Рӯзона) |
|---|---|---|
| 6D071800 | Энергетикаи электрикӣ | 4620 |
| 6D072900 | Сохтмон | 4620 |

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413868 | Муассисаи давлатии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №108-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории биноии Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии №108 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 11.03.2023 16:55:00 |
| 2 | 413879 | Муассисаи давлатии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Айнӣ» | Мебел, ноутбук, МФУ, кондитсионер ва термопот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 12.03.2023 13:40:00 |
| 3 | 413881 | Беморхонаи физиотерапевтии вилояти Суғд | Сӯзани тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.03.2023 13:50:00 |
| 4 | 413862 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири бинои маъмурии дастгоҳи марказии Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.03.2023 10:45:00 |
| 5 | 413858 | Муассисаи давлатии «Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб» | Сохтмони роҳ (фарши роҳ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.03.2023 17:27:41 |
| 6 | 413860 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ кӯдакистони № 118»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони № 118»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 15:30:00 |
| 7 | 413863 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории намои бинои маъмурии КҲФ ва МГ назди ҲҶТ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 15:35:00 |
| 8 | 413861 | Муассисаи давлатии Маҷмааи «Кохи Ваҳдат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, барқӣ ва техникаи маишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 47 | 27.03.2023 15:40:23 |
| 9 | 413864 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Матоъҳои парда, тӯр ва лавозимот барои истеҳсоли пардаҳои асосӣ барои иншооти сохтмони бинои таълимӣ дар назди МТМУ №3-и ноҳияи Зафаробод | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 27.03.2023 16:40:40 |
| 10 | 413869 | Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 27.03.2023 18:00:10 |
| 11 | 413870 | Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии ноҳияи Ҷ. Балхии вилояти Хатлон | Масолеҳи сохтмонӣ, таҷҳизоти идоравӣ ва маишӣ, инвентари нарм, кати оҳанин, курсии оҳанин барои кӯча ва ширма | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 27.03.2023 18:05:15 |
| 12 | 413871 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 36-и ноҳияи Ҷ. Балхии вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 27.03.2023 18:10:10 |
| 13 | 413872 | Маркази бемориҳои ғадудҳои дарунаи вилояти Хатлон | Анализатори гематологӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.03.2023 18:15:40 |
| 14 | 413873 | Боғчаи бачагонаи №4-уми ноҳияи Хуросон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 27.03.2023 18:20:55 |
| 15 | 413874 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №4 | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 50 | 27.03.2023 18:30:10 |
| 16 | 413875 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49-уми ноҳияи Ёвон | Таъмири намои бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49-и ноҳияи Ёвон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 18:35:40 |
| 17 | 413876 | Беморхонаи марказии ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон | Таъмири ҷории бинои беморхонаи марказии ноҳияи Кӯшониён | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 18:40:45 |
| 18 | 413877 | Муассисаи давлатии коммуналӣ ва чароғонкунию ороишии шаҳри Бохтар | Чопи рақамии лавҳаҳо ва овезаҳо дар баннер ба миқдори 3030,30 метри квадратӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 27.03.2023 18:50:45 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**20-уми марти соли 2023 музоядаи № 9-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд**

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Ҳолати воқеӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Телефони мобилии тамғаи «PRESTIGO» | адад | 1 | таъмирталаб | 150 |
| 2 | Телефони мобилии тамғаи «Nokia» | адад | 1 | истифодашуда | 70 |
| 3 | Ноутбуки тамғаи «LENOVO» | адад | 1 | истифодашуда | 1500 |
| 4 | Телефони мобилии тамғаи «SAMSUNG GALAXY A 70» | адад | 1 | таъмирталаб | 600 |
| 5 | Телефони мобилии тамғаи «SAMSUNG GALAXY A 5» | адад | 1 | истифодашуда | 250 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати 10<sup>00</sup>** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати силсилаи Т-ШТА №0159752-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №67-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2006 ба Ахмедова Нилуфар Раҳмоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-ШТУ №0312234-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №67-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2010 ба Бахтиёри Абдуджабор додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А №479690-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №67-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1990 ба Шарипова Муҳтарама додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А №479688-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №67-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1990 ба Шукурова Малика Шералиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Роҳхати №41-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2022 ба Сарахонов Шаҳром Диловарович барои таъмин шудан бо ҷойи кор дар шуъбаи Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ёвон додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти фаъолияти соҳибкории гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2016 ба Каримов Бахтиёр Ҳакимович (РМА 625066245, РЯМ 0130129331) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ бо РМА 125334471, РЯМ 1230037820-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло н. Шоҳмансури шаҳри Душанбе) соли 2001 ба хоҷагии деҳқонии «Эргашалӣ» додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои амалӣ кардани фаъолияти соҳибкории гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 29-уми сентябри соли 2018 ба Мирзалиев Анвар Сайвалиевич (РЯМ 0331391015) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи ПП №0020850-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2005 ба Пивень Дмитрий Александрович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи серияи А №4842969-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 18-уми майи соли 2008 ба Сафаров Абубакр Маҳмадалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Роҳхати гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2022 ба Муминов Ҷамшед Раҷабалиевич – хатмкардаи факултети тибби ветеринарӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 1988 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Чоряккорон-138 ба Забиров Меликмурод Забирович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттифоқи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон №0226166 ва РМА 020004159-и гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомони шаҳри Душанбе 9-уми июли соли 2012 ба қайди давлатӣ гирифтааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи силсилаи А03191345-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 8 феврали соли 2020 ба Юнусова Валамат Файзуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи қайди никоҳи силсилаи III-ЕЖ № 294777-и гумшуда, ки онро Шуъбаи актҳои вазъияти граждании ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе 22-юми феврали соли 1986 ба Юнусов Бахтиёр Иззатуллоевич ва Назарова Валамат Файзуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ПВ № 790996 таҳти қайди 2748-и гумшуда, ки онро Институти педагогии давлатии Душанбе (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) соли 1988 ба Юнусова Валамат Файзуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии силсилаи НТ № 0752766-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ таҳти қайди 1Ш-583 санаи 24-уми июни соли 2022 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Чоряккорон ба Шафиев Мирзо Ғаниевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои бӯстонсарой таҳти рақами кадастрии 68-010-000028-01-001-и гушуда, ки онро КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе моҳи феврали соли 2023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, бинои 61/1, ҳуҷраи 4 ба Қурбонзода Фирдавс додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Олимшоев Химатшо Киматшохович, ки дорандаи Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0481004 ва РЯМ 1230223592 буда, 12-уми апрели соли 2022 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ аз қайди баҳисобгирӣ гузаронида шудааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**Садои мардум**

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 3 марти соли 2023, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35540 нусха*

Навбатдорони шумора Н. Низомӣ ва М. Ҳисорӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97